# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович ба диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

**1.Муҳимият ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Дар заминаи рушди муносибатҳои бозорӣ чун дар дигар кишварҳои собиқ сотсиалистӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои ташаккули шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар шароити муосир аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ба масъалаҳои таъмини устувории рушди соҳибкорӣ аҳамияти хоса дода шуда истодааст, ки он аз тадбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ дарак медиҳад. Новобаста аз он ки дар илми муосири иқтисодиёти ватанӣ тадқиқотҳои зиёд оид ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ ба анҷом расидаанд, ҳам дар назария ва ҳам дар амалия якчанд норасогиҳо, аз ҷумла дар масъалаҳои такмили механизмҳои рушди босуботи соҳаи соҳибкорӣ, ташаккулёбии муҳити институтсионалии мусоид баҳри таъмини фаъолнокии иқтисодиву тиҷоратӣ ба мушоҳида мерасанд.

Рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ бо пайдо гардидани шароитҳои ғайричашмдошти пешгӯинашавандаи иқтисодӣ ҳамрадиф мебошад. Дар ин шароит кулли субъектҳои хоҷагидорӣ ба ҳифзи манфиатҳо ниёз доранд.

Ширкатҳои суғуртавӣ ҳамчун муассиса барои маҳдуд ва бартараф кардани оқибат ва равандҳои манфӣ, инчунин ҳифзи манфиатҳои кулли субъектҳои тибқи қонунгузории миллӣ фаъолиятдошта кӯшиш менамояд. Бо ин ҳадаф, дар иқтисодиёти миллӣ бозори суғурта дар солҳои истиқлолият пайдо гардидааст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ

ташкилотҳои суғурта ба субъекти ҳаёти иқтисодӣ табдил ёфтааст, зеро дар ин ҳолат мавқеи суғуртакунанда дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ тағйир меёбад. Вазифаи асосии бозори суғурта дар ҳифзи молиявии субъектҳои хоҷагидор аз ҳолатҳои ғайричашмдошт мебошад. Дар бозори суғурта муносибатҳо оид ба хариду фуруши маҳсулоти суғуртавӣ, ки объекти талабот мебошад, ҳоло дар Ҷумҳурӣ ба таври бояду шояд рушд наёфтааст.

Боиси қайд аст, ки дар ҳолати ба амал омадани ҳолатҳои номусоиди ғайричашмдошт барои таъмини давомнокии раванди такрористеҳсолӣ ба шахсони аз ҳодисаҳои суғурта зарардида пардохти ҷуброни суғурта зарур аст. Субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ яке аз намудҳои тиҷорати ғайриистеҳсолӣ буда, ба воситаи дуруст ба роҳ мондан бо даромади хуб бояд ин вазифаро ба итмом расонад. Аммо, ҳоло дар Ҷумҳурӣ соҳибкории суғуртавиро наметавон як самти бо муваффақ ҳисобид, зеро ин самт алҳол пурра таъиноти худро дар иқтисодиёти миллӣ дар сатҳи қонеъшаванда иҷро карда натавониста истодааст ва ин яке аз фаъолиятҳои хавфноктаринро мемонад.

Соҳибкории суғуртавӣ сарфи назар аз он ки ҳоло дар Ҷумҳурӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ рушд ёфта истодааст, маҳсулоти навъи суғуртавӣ пешниҳод накардааст. Суғуртакунандагон (ташкилотҳо, корхонаҳо, шахсони алоҳида), дар ҳолатҳое, ки ба шартнома пешбинӣ шудааст, ба андозаи хаққи муайян ҷуброн гирифта наметавонанд.

Дар ин ҳолат, субъектҳои ҳоҷагидорӣ ба бозори суғуртавӣ таваҷҷуҳи хоса намедиҳанд ва муаммоҳои худро мустақилона ҳаллу фасл намуда, ба сатҳи рушди фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Бештари тадқиқотҳо ба ҷанбаҳои алоҳидаи рушди соҳибкорӣ бахшида шуда, дар байни онҳо бо тарзи маҷмӯавӣ, низомии таҳқиқи масъалаҳои назариявию методологӣ ва амалии рушди соҳибкории суғуртавӣ мавҷуд намебошад. Амалан, тадқиқоти алоҳидаи махсус, ки ба

рушди соҳибкории суғуртавӣ аз нуқтаи назари таъмини фишангҳои назариявӣ ва методологияи фаъолияти масъалаҳои инноватсиякунонии чараёни рушди соҳибкории суғуртавӣ, танзими давлатӣ, асосноккунии илмии таъсирии он ба дигар бахшҳои иқтисодиёт ва ғайраҳо аз мадди назар дур мондааст. Аз ин лиҳоз, тадқиқоти унвончӯ Шамсуллозода Шукрулло мубрам ва саривақтӣ мебошад.

**2. Дарачаи асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳо.**

Ҳадафи таҳқиқот рушд додани асосҳои назариявию амалии механизмҳои ташкиливу иқтисодии соҳибкорӣ, муайян намудани тамоюлҳои муосири рушди соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёти Тоҷикистон ва коркарди тавсияҳои илмӣ - амалӣ оид ба рушди соҳибкории суғуртавӣ, ки гузариши ҷумҳуриро ба марҳилаи бозори рушдкунанда таъмин менамояд, мебошад.

Навоварии илмии рисола дар асоснок намудани маҷмӯаи заминаҳо ва омилҳое, ки тамоюли муосири рушди соҳибкориро дар соҳаи суғурта муайян менамоянд, инчунин асосноккунии назариявӣ ва амалии самтҳои асосии такмили механизмҳои рушди соҳибкории суғуртавӣ дар шароити гузариши ҷумҳурӣ ба марҳилаи бозори рушдкунанда зоҳир мегардад.

Натиҷаҳои назаррасе, ки моҳияти навгонии илмии диссертатсияро инъикос мекунанд, инҳо мебошанд:

– асоснок намудан ва дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмини фаъолияти пурсамар маҳз бо роҳи муттаҳид сохтани амалҳои муштарак дар самти пешгирии хавфҳо ва хароҷоти трансаксионӣ сурат мегирад, ки ин падида ба нуфуз ва ҷойгоҳи соҳибкории суғуртаро дар иқтисодиёт мустаҳам менамояд;

– исбот намудани манфиати суғуртавӣ, ки дар зинаи ибтидоии иреархияи талаботҳои А.Маслоу қарор дорад, боз карда ба таври объективӣ ба рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва соҳибкорӣ мусоидат мекунад;

– равшанӣ андохтан ба мафҳуми «суғурта» ҳамчун объекти соҳаи соҳибкорӣ. Соҳибкории суғуртавӣ – ин шакли махсус, як навъ соҳибкории молиявию қарзӣ мебошад, ки асоси онро фаъолият оид ба кафолати суғуртаи ҷубронҳои зарари эҳтимолии амвол, ашёи қиматбаҳо, ҳаёт дар натиҷаи ҳодисаи ғайричашмдошт ташкил медиҳад;

– омилҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкории суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ муайян карда шуда, хусусиятҳои хоси хавфҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёт ва дар соҳаи суғурта мушаххас карда шаванд;

– қонуниятҳои рушд (вобаста ба рӯи кор омадани принсипи ратсионализми иқтисодӣ) ва тамоюлҳои муосири рушди бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010 - 2021 муайян карда шуданд;

– вазъи ташаккули талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ муайян шуда, муносибатҳои меъёрӣ ба дарки афзалиятҳои рақобатпазирии ширкатҳои суғуртавии ҷумҳурӣ таҳия карда шуданд;

– ҷанбаҳои қавӣ ва заифи сохторҳои соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта дар мисоли ширкатҳое, ки ба шаклҳои гуногуни бозори суғурта мансубанд, тавсиф карда шудааст;

- дар таскираи муаллиф фаъолияти самаранокии ширкати суғуртавӣ дар заминаи принсипҳои квазинтегратсионӣ пешниҳод карда шудааст, ки равандҳои интегратсионии ҳамаи зертобеи сохториро барои ноил шудан ба ҳадафи умум ва ба даст овардани даромад муттаҳид шудаанд, дар бар мегирад;

–қувва, сохтор ва хусусиятҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ дар шароити тақвият ёфтани равандҳои ҷаҳонишавӣ муқаррар карда шудааст;

– механизмҳои такмили фаъолияти назорати давлатӣ, аз ҷумла назорат ба эҳтиёткорӣ, банақшагирӣ дар сохтори соҳибкории бахши суғурта пешниҳод карда шудааст;

– дар ташаккул ва рушди соҳибкорӣ бахши суғуртаи иқтисодиёт, ки нақши муҳимро мебозад, асоснок карда шуда, равандҳои омодасозӣ,

бозомӯзӣ ва такмили кадрҳои соҳибкорон, ташкили таълими методҳои муосири пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили шабакаи марказҳои машваратӣ, ки интихоби касбӣ ва самтдиҳии кадрҳои соҳибкориро дар бахши суғуртаи ҷумҳурӣ муайян менамоянд, пешниҳод карда шудааст.

**3. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, чор боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумӣ - 344 саҳифаи чопи компютерӣ, 57 ҷадвал, 24 расм ва 305 номгӯйи адабиётро дар бар гирифтааст.

Дар **муқаддима** аҳамият ва мубрамияти мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ - методологии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия баён гардидааст.

Дар **боби якум, ки «Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ»** унвон дорад, моҳияти иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ, хусусиятҳо ва принсипҳои ташкилии соҳибкории суғуртавӣ, хизматрасониҳои суғуртавӣ, принсипҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳибкории суғуртавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Диссертант далелҳои назариявию амалиро бо факту рақамҳо асоснок намудааст, зеро соҳибкорӣ ҳамчун низоми хоҷагидорӣ ба хатарҳо мувоҷеҳ мебошад. Даромад ва зарари соҳибкор аз пешгирии хавф ва номуайянӣ ба даст меояд. Вобаста ба ин, дар илми иқтисодӣ назарияҳои мухталифи хавфи иқтисодӣ ба миён омадаанд. Дар асоси он дар диссертатсия мафҳумҳои хавф ва гурӯҳбандии он дар фаъолияти соҳибкорӣ таҳиқ карда шудааст. (С.27-31).

Боиси нигаронӣ аст, ки дар диссертатсия диққати махсус ба гурӯҳбандии шартномаҳое, ки муносибатҳо байни агентҳои иқтисодиро танзим менамояд дода шудааст (классикӣ, неоклассикӣ ва муносибатӣ). Диссертант, дар ҳақиқат, дуруст қайд менамояд, ки соҳибкории суғуртавӣ – ин шакли махсус, навъи соҳибкории молиявию қарзӣ

мебошад, ки асоси онро фаъолият оид ба кафолати суғуртаи ҷубронҳои зарари эҳтимолии амвол, ашёи қиматбаҳо, саломатӣ, ҳаёт ва талафҳои дигар ба маблағҳои муайян, ҳангоми бастани шартномаи суғурта ташкил медиҳад (С.37-40).

Дар рисола тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, навъҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта таҳқиқ карда шуда, ҷанбаҳои асосии менеҷменти суғуртавӣ дар зери коркард гирифта шудааст. Дар асоси омӯзиши адабиёти иқтисодӣ муаллиф андеша дорад, ки фаъолияти соҳибкории суғурта хусусиятҳои хоси худро дорад. Масалан, бо иҷозатномаи махсус фаъолият оғоз мегардад; аз ҷониби мақомоти Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон танзим карда мешавад; фаъолият ба ҷуброни зарар аз ҳодисаҳои суғуртавӣ нигаронида шудааст; қабули хавфҳои гуногун аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ алоқаманд аст. Баҳисобгирии ин хусусиятҳо аҳамияти амалӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ дорад (С.49-55).

Диссертант хизматрасониҳои фаъолияти соҳибкории суғуртавиро таҳқиқ намуда, мақоми онро дар иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сатҳи рушди он ба дараҷаи ташаккули бозори суғурта муайян намудааст. Аз тарафи дигар, ташкилотҳои суғурта ба сифати агентҳои асосии бозори суғурта амал мекунад. Фарқияти куллии моли суғуртавӣ (хизматрасонӣ оид ба муҳофизати суғуртавӣ) аз дигар хизматрасониҳо шарҳ дода шудааст (С. 63-71).

Унвонҷӯ дар диссертатсия динамикаи мукофотҳои суғуртавӣ ва пардохтҳои суғуртавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф дар рисола чунин принсипҳои (шартҳои) ташаккули портфели сармоягузории ташкилоти суғуртавиро ҷудо намудааст: боэътимодӣ (қобили пардохтӣ), фоиданокӣ, бозгаштӣ, диверсификатсия, дуюмдараҷагӣ, маҳаллисозӣ, зери назорат будан. Ҳамзамон, асоснок карда шудааст, ки:“Суғурта дар ҳолатҳое амалӣ мешавад, ки эҳтимолияти сар задани хавфҳоро арзёбӣ кардан

имконпазир буда, бояд кафолатҳои муайяни молиявӣ аз ҷониби суғуртакунандагон барои ҷуброни зарар вуҷуд дошта бошанд”. Инчунин, самтҳои татбиқи хизматрасонии суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунанда арзёбӣ карда шудааст (С. 77-93).

**Дар боби дуюм,** ки «Асосҳои методологии ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дорад, методологияи баҳисобгирии даромад ва хароҷоти соҳибкории суғуртавӣ, сатҳи даромаднокии соҳибкории суғуртавӣ, усулҳои таҳлили рушди бозори суғурта дар ҷумҳурӣ, хусусиятҳои нархгузорӣ дар хизматрасониҳои соҳибкории суғуртавӣ муайян карда шудаанд.

Диссертант қайд менамояд, ки суғурта дар доираи муносибатҳои институтсионалӣ, ниҳоди муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин радиф, омилҳои беруна ва дохилӣ, ки ба соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, таҳқиқ карда шудааст. Аз он ҷумла: берунӣ (қобилияти харидории аҳолӣ, имконияти гирифтани қарз, омӯзиши афзалиятҳои истеъмолӣ, суботи сиёсӣ, демография, сатҳи фарҳанг, сатҳи рушди илм ва техника, сиёсати қарзӣ ва андози давлат, тамоюлҳои иқтисодӣ, рақобати байналмилалӣ), дохилӣ (моддӣ – техникӣ, ҳавасмандгардонии меҳнат, андозаи хароҷот, сатҳи тахассус, муносибат ба меҳнат, интизоми меҳнатӣ, сатҳи менеҷмент, мавқеи соҳибмулк, сифати маркетинг ва ғайра) (С. 99-107).

Муаллиф чунин мешуморад, ки нишондиҳандаҳои нисбии тавсифкунандаи натиҷаҳои молиявии соҳибкории суғуртавӣ инҳо мебошад: фоиданокӣ, даромаднокии амалиётҳои суғуртавӣ барои ҳар як намуди суғурта, сатҳи хароҷоти ташкилоти суғуртавӣ бо ҳаҷми пардохтҳои ҷамъоваришудаи суғуртавӣ, сатҳи хароҷоти иловагӣ – нисбат ба ҳақпулиҳои комиссионии пардохтшуда, коэффитсиенти зарароварӣ нисбат ба пардохтҳои суғуртавӣ ва ғайра (С. 108-110).

Дар ин бахши диссертатсия зинаҳои асосӣ ва сохтори бозори суғурта, динамикаи афзоиши миқдор ва намудҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010 - 2020, дороиҳо,

уҳдадориҳо ва сармояи оинномавии ташкилотҳои суғуртаи Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2021 бо таври васеъ таҳқиқ карда шудааст (С. 110-117). Дар асоси нишондиҳандаҳо барои арзёбии мавқеи ташкилотҳои суғурта дар бозори суғурта сатҳи тамаркузи (вазъи монополии) намояи Ҳерфиндал-Ҳиршман (**I**$_{HH}$) ҳисоб карда шудааст. Бо андешаи муаллиф соҳибкории суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз номукаммал буда, ба самаранокии баланди фаъолият ҳам аз рӯйи фаъолияти асосӣ – суғурта ва ҳам аз рӯйи фаъолияти иловагӣ – сармоягузорӣ ноил нашудааст (С. 118-122).

Инчунин, дар ин бахш аз ҷониби муалиф муаммоҳои ҳалталаби барои рушди бозори суғуравӣ зарур муайян гардидааст, аз ҷумла сатҳи нокифояи пардохтпазирӣ ва талаботи шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ, мавҷуд набудани амалҳои боэътимоди молиявии ҷойгиркунии захираҳои суғуртавӣ, сатҳи пасти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ, рушд накардани бозори миллии азнавсуғуртакунӣ ва ғайраҳо (С. 110-122)

**Дар боби саввум, «Таҳлили вазъи муосири рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** сатҳи сармоягузории даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, самараи талаботи хизматрасониҳои суғуртавӣ, арзёбии афзалиятҳои рақобатнокии субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ, рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳибкории суғуртавӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст.

Дар бахши таҳлилии диссертатсия муаллиф таваҷҷуҳи бештари худро, пеш аз ҳама, ба иқтидори иқтисодии ташкилотҳои суғуртавии бонуфузи мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ равона карда, сабаб ва оқибатҳои динамикаи нишондиҳандаҳои даромаднокии онҳоро таҳлил намудааст (С. 181-184).

Дар натиҷаи таҳлилҳо муаллиф муайян намудааст, ки нишондиҳандаи асосии устувории соҳибкории суғуртавӣ кафолати пардохтпазирии он мебошад. Масалан, риояи муносибатҳои меъёрии

байни дороиҳо ва уҳдадориҳои ба зимма гирифтаи суғуртавӣ; ҷойгир кардани захираҳои суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунандагон дар шароити диверсификатсия, қобилипардохтӣ, фоиданокӣ ва бозгаштӣ; мавҷудияти сармояи кофии худӣ (С. 190-194).

Дар диссертатсия ҳаҷми пардохтҳои ҳаққи суғуртавӣ нисбат ба ММД ва ба ҳар сари аҳолӣ дар давоми солҳои 2010 - 2020, сохтори объектҳои суғурта дар ташкилотҳои суғуртавӣ, тамоюли пардохти суғуртапулӣ ва сохтори он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 - 2020 таҳлил карда шуда, аз нигоҳи муаллиф, омилҳои талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ шартан ба ду гурӯҳ тақсим карда шудааст. Якум, омилҳое, ки ба ташаккули талаботи суғурташаванда таъсир мерасонанд. Дуюм, омилҳое, ки ба суғурташавандаи воқеӣ таъсир мерасонад(С. 201-211). Баҳисобгирии ин омилҳо дар фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ зарур аст.

Мувофиқи андешаи диссертант, бо мақсади рафъи монеаҳо дар самти рушди соҳибкории суғуртавӣ зарур аст, ки ҳарчӣ зудтар механизмҳои сода намудани раванди иҷозатномадиҳиро коркард намуда, шаффофияти баррасии ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои суғуртавиро таъмин намояд (С. 215-221).

Дар таҳқиқот ҳамчунин шумораи ҳолатҳои фавқулодаи бақайдгирифташуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, механизми ташаккули ҷараёни молиявии ташкилоти суғуртавӣ пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон, ба ақидаи муаллиф яке аз сабабҳои рушд наёфтани соҳаи мазкур ба таври пурра ташаккул наёфтани инфрасохтори бозор мебошад, ки дар ҳақиқат дуруст аст (С. 229-249).

**Боби чоруми таҳқиқот оид** ба такмили механизмҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузории соҳибкории суғуртавӣ, истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории суғуртавӣ, такмили муносибати методии назорати давлатии соҳибкории суғуртавӣ чун пояҳои асосии

рушди соҳибкории суғуртавӣ бахшида шуда, дар ин замина дурнамои рушди соҳибкории суғуртавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, дар бахши суғуртавии иқтисоди ҷумҳурӣ ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ бартарӣ доранд. Вале, ҳоло зарурати танзими давлатӣ фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта аз ҷониби аксари олимони иқтисоддон дастгирӣ карда мешавад. Дар ин радиф, категорияҳои асосии танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ пешниҳод гардидааст: иқтисодӣ (назорати мустақими нархҳо, талабот ба ҳадди ақалли сармоя, сармоягузорӣ, муқаррар намудани шартҳои иҷозатдиҳии суғуртаи ҳатмӣ, андозаи маблағҳои суғуртавӣ ва ғайра; иҷтимоӣ (сифати хизматрасониҳои суғуртавӣ, ҳифзи саломатӣ, эътимоднокӣ, экологӣ, бехатарӣ риояи стандартҳои масъулияти иҷтимоии соҳибкории суғуртавӣ); иттилоотӣ (талабот оид ба пешниҳоди иттилоот дар бораи суғуртакунанда ва хизматрасониҳои суғуртавӣ, нашри ҳатмии ҳисоботи солонаи молиявӣ) (С. 253-263)

Бо дарназардошти воқеияти мавҷуда дар бозори суғурта, муаллиф хулоса менамояд, ки самарабахшии фаъолияти субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ аз сатҳи такомули механизми танзими давлатӣ, аз раванди муассири пешбурди маҳсулот ва ташаккули раванди гуногуни фурӯш, сармоягузориҳо, бунёди низоми муносиби санҷиш ва назорат вобаста мебошад (С. 265-267).

Дар диссертатсия ҳамчунин истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории суғуртавӣ ҳамчун омили рушди соҳибкории суғуртавӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хулоса ва тавсияҳои судманд барои истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд (С. 269-280).

Бо баробари ин, муаллиф қайд менамояд, ки дар ҷумҳурӣ тамоюли асосии рушди бизнес ва маркетинги суғуртавӣ ба талаботи харидорон мувофиқ будани хосиятҳои маҳсулоти суғуртавӣ мебошад. Бинобар ин, такмил додани банақшагирӣ ва таҳияи нақшаҳои бизнес ба ташкилотҳои

суғуртавӣ имкон медиҳад, ки мушкилотро дар таҳия ва ҷойгиркунии маҳсулоти нав бартараф намуда, эътибори ташкилоти худро беҳтар созанд. Аз ин лиҳоз, аз ҷониби муаллиф алгоритми таҳияи нақшаи бизнес барои ташкилотҳои суғуртавӣ пешниҳод карда шудааст, ки хеле дар шароити муосир аҳамияти илмию амалии баланд дорад (С. 301-308).

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки муқаррароти илмии диссертатсия барои инкишофи назария ва амалияи соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, зимни таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба рушди фаъолияти суғуртавӣ, ташкили дастгирии соҳибкорӣ мусоидат мекунанд, мавриди истифода қарор диҳанд. Ҷанбаҳои методологии арзёбии қонуниятҳо ва тамоюли рушди соҳибкории суғуртавӣ метавонанд барои такмили методикаи таҳлили равандҳои рушд ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии соҳибкории суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намоянд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия имкон медиҳад, ки ҳангоми омода намудани матни лексияҳо, барнома ва дастурҳои таълимию методӣ барои омодасозии мутахассисон дар бахшҳои идоракунии давлатӣ, фаъолияти суғурта, хизматрасонӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон ва мутахассисони соҳаи суғурта истифода шаванд. Тавсияҳои коркардшудаи муаллиф барои таъмини амалии рушди иқтисодиёти миллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ бештар мусоидат мекунанд.

**5. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз он ки диссертатсияи илмии доктории мазкур ҷанбаҳои зиёди бартариҳоро дорад, дар баробари ин, баъзе камбудиҳои зерин ба чашм мерасанд:

1. Боз ҳам аҳамияти таҳқиқот дар илм ва амалияи иқтисодиёт назаррас мегардид, агар дар қисмати "мубрамияти" диссертатсия далелҳои аниқу саҳеҳ оид ба муаммоҳои дар самти ташкили фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ, ки ҳалли он дар ҳоҷагии халқ аҳамияти баланд доранд, баён гардад;

2. Муаллиф дар ҳақиқат дуруст қайд намудааст, ки дар солҳои истиқлолият олимони иқтисоддони ватанӣ дар самти соҳаи суғуртавӣ кор кардаанд. Вале, асарҳои як зумра олимони қайдгардида дар рӯйхати феҳраст мавҷуд нестанд (масалан, асарҳои Ш. Дӯстбоев, М.Р. Кошонова, Н.Ф. Нидоев, Т.Д. Низомова, М. Нурмаҳмадов, Г.Н. Оймаҳмадов, З.А. Раҳимов, Ш. Раҳимзода, С. Ҳабибов ва ғ. мебошанд). Шояд онҳо дар самти мазкур кор накарда бошанд?

3. Қисматҳои ҳафтум ва ҳаштуми навгониҳои илмӣ дар диссертатсия бо таври мундариҷааш ба таври бояду шояд саҳеҳ карда нашудааст. Масалан, гуфта шудааст, ки: "принсипҳо ва роҳҳои такмили бонақшагирии ширкати суғуртавӣ муайян карда шуданд" ё инки "афзалиятҳои стратегияи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши суғуртавии иқтисод ташаккул дода шуд". Вале, чӣ гуна принсипҳо, роҳҳои такмил, афзалиятҳо инъикос нагардидааст.

4. Дар боби дуввуми диссертатсия муаллиф хусусиятҳои хоси рушди фаъолияти соҳибкории суғуртавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор додааст, аммо равияҳои таъсиррасонии онро ба ваъзи иқтисодиёти миллӣ бо таври васеъ таҳлил накардааст;

5. Имрӯз дар кишварҳои мутараққӣ масъалаҳои рақамикунонӣ тамоми соҳаҳоро фаро гирифтааст. Хуб мешуд, муаллиф диққати худро ба ин таҷриба бештар равона карда, вазъи ин масъаларо дар ҷумҳурӣ мушахас намояд, боз ҳам мундариҷаи кор ғанитар мегардид.

6. Хуб мешуд, дар боби саввуми диссертатсия боҳамалоқамандӣ ва боҳамтаъсиррасонии соҳибкории суғуртавӣ боз дигар намудҳои соҳибкорӣ таҳлил карда шавад;

7. Дар диссертатсия дар баъзе ҷадвалҳо давраҳо ва марҳилаҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, яъне давраи таҳқиқот аз солҳои 2005, дар баъзе маврид аз соли 2010, дар қисмати дигар аз соли 2011 ва ғайра нишон дода шудааст. Хуб мешуд, агар марҳилаи таҳқиқот як давраи муайянро дар бар гирад;

Вале метавон гуфт, ки камбудиҳои ҷойдошта ба кор таъсири манфӣ намерасонад, характери тавсиявӣ дорад ва диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талабот мебошад.

**6. Мутобиқат ба соҳаи таҳқиқот.**

Тадқиқоти Шамсуллозода Шукрулло дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария. методология, амалия» ба Шиносномаи номгӯи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ мувофиқат мекунад.

7. **Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Дар асоси таҳқиқ ва натиҷаҳои илмиву амалии кори диссертатсионӣ муаллиф, дар маҷмӯъ, 30 кор бо ҳаҷми умумии зиёда аз 34 ҷ.ч., аз ҷумла 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад ва 4 монографияи муаллифӣ ба чоп расонидааст.

**8. Мувофиқати автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда бо шарҳи пурра асоснок карда шудаанд.

Умуман, диссертатсия дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия», ба талаботҳои КОА-и дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 32 ва 33-и Низомномаи “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи “30” июни соли 2021 бо таҳти рақами №267 тасдиқ гардидаст, мутобиқ буда, муаллифи он Шамсуллозода Шукрулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

**Муққаррizи расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба илм ва инноватсия**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва**
**сиёсати Тоҷикистон** **Ризоқулов Т.Р.**

Суроға: 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд ,17-мкр-н,хонаи 1, Телефон: (+992) 3422 23594 E-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризоқулов Тӯрақул Рабимқуловичро тасдиқ мекунам,
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Мирпоччоев И. Х.